*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳти давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи: ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна дар мавзуи «Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятноке мебошад, ки тавасути он ҳадафи стратеии давлат "Таъмини амнияти озуқавории кишвар" амалӣ карда мешавад. Аз ҳамин лиҳоз фарогирии имлмии мавзуи интихобшуда "Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ" актуалӣ ва саривақтӣ мебошад. Қобили тазаккур аст, ки дар айни замон, талабот ба қарз дар соҳаи кишоварзӣ зарурати рушди низоми махсусгардонидашуда, ки ба талабот ва шароити иқтисоди муосири бозорӣ ҷавобгӯ мебошад, талаб менамояд.

Муаллиф дар афтореферати худ дуруст қайд намудааст, ки таҷрибаи бонкдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои ба мушкилот дучор шудани бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ истифодаи ғайримақсадноки қарзҳои додашуда мебошанд, ки пешниҳодҳои муаллиф қобили дастгирӣ мебошад. (саҳ.17)

Ғайр аз ин як қатор зарибҳое, ки дар муайян кардани қобилияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ мувофиқат мекунанд мавриди омӯзиш қарор гирифта ба талабот ва шароити имрӯзаи соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи хавфҳои низоми бонкӣ дар ин соҳа мусоидат мекунанд.

Муаллиф ба ҳадафҳои таҳқиқоти илмии дар ин самт анҷомдодашуда ноил шуда ва вазифаҳои онро иҷро намудааст.

Қобили зикр аст, ки навгониҳои илмии автореферати диссертатсия фарогири масъалаҳои актуалии дастгирии соҳаи кишоварзӣ таввасути қарзҳои бонкӣ мебошад. Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба

таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методологӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки ба рушди низоми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ равона гардидааст, асос ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки маълумотҳо ва таҳлилҳои дар автореферати Латипова Г.С. зикргардида қобили дастгирӣ мебошад. Ғайр аз ин дар баробари муваффақиятҳо як чанд камбудӣ низ ҷой дорад, ки иқтидори илмии таҳқиқотро коста намегардонад. Дар автореферати мазкур камбудиҳои имлоӣ, дар баъзе маврид нофаҳмо будани калимаҳо ва хатогиҳои техникӣ во хурдан мумкин аст, ки онҳо ислоҳшаванда мебошанд.

Дар хулоса қайд намудан ба маврид аст, ки ҳангоми таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсияи Латипова Гуландом Сайҳомидовна дар мавзуи «Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Латипова Гуландом Сайҳомидовна сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**мудири кафедраи молия ва қарзи**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба**
**номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ** **Комилов Н.Б.**

**Дурустии имзои Комилов Н.Б.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори РК КМ**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба**
**номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ** **Амиров Ф.А.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС